# ХУЛОСАИ

## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Парвандаи аттестатсионии №__**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26 феврали соли 2021, №__**

Барои сазовор донистани Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 20-уми ноябри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед соли 1994 таваллуд шудааст. Номбурда соли 2017 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз соли 2018 то ин ҷониб аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва иҷро гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Сафарзода Анвар Ислом - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Азимзода Назир Бозор - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

Қудратов Некрӯз Абдунабиевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон .

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ Абдуллаева Раъно Абдуллаевна имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон доктори илмҳои физика ва математика, профессор Хоҷазода Т.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни проблемаҳои

такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии зич дорад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ муаллифи 14 мақолаи илмие мебошад, ки 4-и он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти аспирант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ, саҳми муаллиф ва ҳаҷми таълифоти илмӣ, инчунин таълифоти арзанда, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, бо зикри маълумоти нашрӣ оварда мешавад.**

1. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Аломатҳои объективии таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2019. – № 3(2). – С. 211–216.

**[2–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – № 1 (41). – С. 67–79.

**[3–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории кишварҳои хориҷи наздик (дар мисоли давлатҳои аъзои ИДМ) // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – № 1 (29). – С. 149-159.

**[4–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ омили асосии касодшавии иқтисоди давлат: роҳҳои пешгирии он // Осори

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 1 (45). – С. 160–166.

2. **Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[5–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузори ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ // Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ: маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ бахшида ба 20-солагии КҶ ҶТ. – Душанбе: «Эр-граф»,2018. – С. 221–224.

**[6–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон // Актуальные вопросы юриспруденции: материалы VI Международной научно –практической конфренции (Душанбе, 26 апреля 2019 г.). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 814–817.

**[7–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Таърихи ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ [Матн] / М.Ҷ. Раҳмонзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзўи: «Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи ҶТ» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ». – Душанбе, 2019. – С. 596 –600.

**[8–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Пайёмҳои сарвари давлат – омили муҳими танзими фаъолияти бонкӣ // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рўзи қабули Эъломияи ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С.- Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 260–266.

**[9–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Мафҳуми фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ // Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзўи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2018. – С. 82–85.

**[10–М].** Раҳмонзода, М.Ҷ. Баъзе паҳлуҳои объекти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ – назариявии устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». 2019. – С. 384–385.

**[11–М].** Раҳмонзода М.Ҷ. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ. – С. 167–168.

**[12–М].** Раҳмонзода М.Ҷ. Муқовимат бо фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» (ш. Душанбе 7 декабри соли 2019) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И.- Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 33–39.

**[13–М].** Раҳмонзода М.Ҷ. Таъсири манфии коррупсия ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ // Маҷаллаи илмӣ – амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ «Мизони қонун». – 2020. – №1.– С. 70–75.

**[14–М].** Раҳмонзода М.Ҷ. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Ҷилди II. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 167–168.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби Сардори Раёсати ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-майори хадамоти гумрук Раҳимзода Р.Ҳ.; прокурори ҳарбии гарнизони Бохтар, полковники адлия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тоҳирзода Н.У.; мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.; Сардори Раёсати ташкили кор ва назорати иҷрои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холмуҳаммадзода А.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро фаро гирифта аз инҳо иборатанд:

- мавҷуд набудани фикру ақидаи ягонаи муаллиф оид ба алоқамандии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; зарурияти криминализатсия кардани моддаи 286 КҶ ҶТ; бо дарназардошти кадом маҳакҳо эътироф намудани фаъолияти бонкӣ чун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ; оид ба таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сарзамини тоҷикон; оид ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ; вобаста ба пешниҳоди муаллиф дар хусуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳангоми зарарро ихтиёран таллофӣ намудан .

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешавад,ки ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

– **Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон; гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ; таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқан ба қонунгузории ҷиноятии ватанӣ; омӯзиши оқибати ба ҷамъият хавфнок будани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ; баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ; муайян намудани фарқияти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷиноятҳои ба он монанд; коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ коркард карда шуданд.

- бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва бартарафсозии духурагиҳо дар миёни онҳо як қатор таклифҳои судманд оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва бар ин васила такмили моддаи 263 КҶ ҶТ пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷинояткорӣ дар самти фаъолияти бонкӣ масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

- дар асоси таҳлили таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавҷудияти робита ва қайду шарти ҳамдигарии ин ҷиноят бо воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давраҳои муайяни инкишофи қонунгузорӣ;

- таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории

ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (ИМА, Фаронса, Олмон, Эстония, Латвия, Литва, Дания, Испания, Чин ва ғ.);

- дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили м. 263 КҶ ҶТ оид ба ҷавобгарӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи мақсад мебошад;

- пешниҳодҳо дар хусуси муайян намудани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии м. 263 КҶ ҶТ, фарқгузории таркиби м. 263 КҶ ҶТ аз таркибҳои ҳаммонанди он, муайян намудани хусусиятҳои гурӯҳи муташаккил ва ғайра.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки дар он** пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд, ташкил додааст.

Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ба омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чанде аз олимони ватанӣ, ба монанди В.А. Абдухамитов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, С.Э. Баҳриддинзода, А.Д.Ғафуров Н.А. Қудратов, З.Ҳ. Искандаров, Ҷ.З. Маҷидзода, И.Т. Маҳмудов, Н. Маҳмадзода, П.З. Мирзозода, Ф.А. Мирзоахмедов, А.Қ. Назаров, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.З. Раҳимзода, Р.Р. Раҳмадҷонзода, К.Д. Раҷабов, Ш.Н. Саидзода, Д.Ш. Сангинов, Г.С. Сатторов, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафарзода, К.Ҳ. Солиев, Ш.Л. Холиқзода, Т.Ш. Шарипов, Р.И. Шарипов ва дигарон машғул гардидаанд ва паҳлуҳои гуногуни он аз тарафи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати усулҳои таҳқиқоти умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

Илова бар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили таҳлили оморӣ ва сотсиологӣ истифода гардида, вобастагии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба талаботҳои объективии ҳаёти ҷомеа баён шудааст.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бо дигар давлатҳои хориҷӣ омӯхта шудаанд.

Дар натиҷаи усулҳои истифода шуда, мафҳумҳои илмии «мафҳуми фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ», «мақсади фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ » ва «табиат ва моҳияти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» аз нав такмил дода шуд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

– мафҳумҳои нав, тағйирёбии ақидаҳои шарҳи мафҳумҳои куҳан дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ коркард ва ҷорӣ карда шуданд.

Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, мақсад ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкиро муайян менамояд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои осори илмӣ ва амалияи судӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм мавҷудбуда асоснок карда шудааст;

– нуқтаҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда барои дуруст татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** дар таҳқиқи бевоситаи масоили фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии аспирант дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар, дар чопи мақолаҳо оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз санаи 26 феврали соли 2021 қарор қабул намуд, ки ба Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 15 нафар; муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т. Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**26 феврали соли 2021.**